**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-043-и назди Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон (734012, ш. Душанбе, кӯч. М. Мастонгулов 3)**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Завқизода Солеҳ Амин дар мавзуи "Интихоб, тайёр намудан ва такмили ихтисоси судяҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: масъалаҳои назариявӣ-амалӣ ва ташкилию ҳуқуқӣ", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.11 – Фаъолияти судӣ; фаъолияти прокурорӣ; фаъолияти ҳимояи ҳуқуқ ва фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ пешниҳод шудааст (Душанбе, 2023. – 36 саҳ.)**

Дар сатҳи конститутсионӣ эътироф гардидани ҳокимияти судӣ ҳамчун рукни алоҳида ва мустақили ҳокимияти давлатӣ барои самаранок гаштани фаъолият, баланд гаштани масъулияти ҳокимияти судӣ ва инкишофи минбаъади он заминаҳои ҳуқуқӣ фароҳам овард. Дар ин замина нуфуз ва эътибори ҳокимияти судӣ аз фаъолияти судя ва донишу малакаи касбӣ ва ахлоқу одоби ӯ зич алоқаманд аст.

Диссертант паҳлуҳои гуногуни назариявӣ ва амалии масъалаҳои интихоб, тайёр намудан, такмили ихтисоси судяҳо ва талаботҳои этикаи касбии судяро таҳлилҳои мушаххас намуда, доир ба талабот нисбати судя, номзад ба вазифаи судя, синни миёнаи ҳадди ақали довталабон барои судя ва номзад ба вазифаи судя, собиқаи корӣ аз ҷумла, собиқаи кории касбӣ, собиқаи кории судягӣ ва ғайра таҳлили муқоисавии ҳуқуқӣ намудааст. Аз ҷумла муаллиф пешниҳод намудааст, ки ба моддаи 12 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон" банди 5 бо мазмуни зерин илова карда шавад:

- "Номзад ба вазифаи судя ва коромӯз-судя бояд сифатҳои баланди ахлоқӣ, эътибори кории бенуқсон дошта бошанд ва дар ин бора на камтар аз се тавсияи мусбат аз ҷониби роҳбарият ва ҳамкасбонаш пешниҳод намояд".

- "Номзад ба вазифаи судя аз ташхиси тиббӣ гузашта, дар бораи надоштани бемориҳое, ки ба иҷрои ухдадориҳои касбии судя монеъ

мешаванд, аз ҷумла ташхиси ҳолати руҳӣ-психологӣ маълумотномаи ҳайати табибонро пешниҳод намояд” (саҳ. 34-35).

Дар баробари ин муаллиф пешниҳод намудааст, ки ба банди 15 Низомномаи Комиссияи ягонаи имтиҳонотӣ барои номзадҳо ба вазифаи судя ва коромӯз-судяҳо барои довталабони ишғоли мансаби номзад ба вазифаи судя ва коромӯз-судяҳо талаботи “доир намудани суҳбати психологӣ” бо мақсади муайян намудани салоҳиятнокӣ ва ҳолати руҳии онҳо илова карда шавад (саҳ. 14). Чунин пешниҳодҳо саривақтӣ буда, ба интихоби сифатии номзадҳо ба вазифаи судя мусоидат намуда, боиси ба ҷомеаи судяҳо ворид шудани номзадҳои аз лиҳози психологӣ солим ва дар авзои ташаннуҷ фаъолияти бомаром намудан ва ба роҳ мондани муоширати боэътидол бо шаҳрвандон мегардад.

Таклифи дигари диссертант аз он иборат аст, ки барои номзадҳое, ки ба вазифаи роҳбарикунандаи мақомоти судӣ пешниҳод мегарданд, бо мақсади аз худ намудани таҷрибаи пешбурди фаъолияти маъмурии судӣ, ташкили идоракунии кор, тақсимоти дурусти парвандаҳои судӣ ва сарбории судяҳо, муносибат бо коллектив, одоби муошират ва дигар масъалаҳои вобаста ба фаъолият дар Маркази таълимии судяҳо бозомӯзии на камтар аз 14 рӯз муқаррар карда шавад (саҳ 14 -15).

Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур дар доираи татбиқи нақшаи дурнамои корҳои илмию таҳқиқотии кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020 ва 2021-2025 дар мавзуи «Проблемаҳои назариявӣ ва амалии низоми судӣ, адолати судӣ, ташкил ва фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, такмили шаклҳои гуногуни мурофиаи судӣ, назорати прокурорӣ, фаъолияти адвокатӣ, таҳқиқи ҷинояткорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» анҷом дода шудааст.

Дар ҷараёни таҳқиқоти диссертатсионӣ муаллиф маводҳои бойгонӣ ва амалияи интихоб, тайёр намудан, такмили ихтисоси судяҳо, номзадҳо ба вазифаи судя, коромӯз-судяҳо ва меъёрҳои этикаи касбии судя дар давраи

фаъолияти Вазорати адлия, Шурои адлия ва Суди Олӣ аз солҳои 1991 то инҷониб истифода бурдааст.

Асосҳои таҳқиқотро ақидаҳо ва мавқеъҳои илмию назариявии мутафаккирон, олимон, муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ оид ба паҳлуҳои ҷудогонаи мавзуи интихобшуда ташкил медиҳанд. Дар заминаи омӯзиши воқеӣ ва мақсаднок таклифҳои муаллиф асоснок ва қобили дастгирӣ буда, барои мукаммал намудани холигиҳои дар қонунгузорӣ ҷойдошта имконият фароҳам меорад.

Аз мазмуну муҳтавои автореферат бармеояд, ки унвонҷӯ Завқизода С.А. қобилияти таҳқиқот бурданро дошта, усулу равишҳои кор бо адабиёти илмиро хуб медонад ва моҳирона онҳоро дар кор истифода бурдааст. Нуктаҳои илмии пешниҳодшуда ва тавсияҳои амалии муаллиф бисёр аниқ ва мушаххас буда, истифодаи онҳо дар амалияи судӣ, такмили қонунгузории соҳа ва илми ҳуқуқшиносии ватанӣ қобили дастгирӣ мебошад. Ҳамзамон як қатор пешниҳоду таклифҳои назариявӣ, илмӣ, ташкилӣ ва амалии рисолаи мазкурро метавон бо ташкили курсҳои махсус дар барномаҳои таълимии ихтисоси ҳуқуқшиносии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ метавон мавриди татбиқ қарор дод.

Муаллиф масъалаҳои дар кор гузошташударо пурра, воқеӣ ва бо усули таҳлили муқоисавии ҳуқуқӣ ҳал намудааст, вале новобаста ба ин, баъзе масъалаҳое боқӣ мондаанд, ки таҳлилу баррасии алоҳидаро талаб менамоянд:

1. Муаллиф дар банди 12 тавсияҳои амалии худ пешниҳод намудааст, ки бинобар хусусияти хос ва фарқкунанда доштани фаъолияти кормандони дастгоҳи судҳои ҷумҳурӣ, дар асоси таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ пешниҳод мегардад, ки нисбат ба кормандони мақомоти судӣ “Кодекси этикаи кормандони мақомоти судӣ” таҳия ва қабул карда шавад. Бояд қайд кард, ки кормандони дастгоҳи судҳои ҷумҳурӣ хизматчии давлатӣ ба ҳисоб меравaнд ва нисбати хизматчиёни давлатӣ Кодекси одоби хизматчиёни давлатӣ паҳн мегардад. Магар дар доираи кодекси мазкур қарор доштани фаъолияти кормандони мақомоти судӣ кофӣ нест?
2. Муаллиф дар банди 7-уми хулосаи худ таъсис додани Академияи судяҳои назди Суди Олӣ бо сохтори он пешниҳод намудааст. Хуб мешуд агар муаллиф

дар баробари ин масъалаи тайёр намудани ихтисосҳои махсуси судя, прокурор ва муфаттишро пешниҳод менамуд.

Бояд қайд кард, ки эродҳои мазкур ба мазмуну моҳияти диссертатсияи муаллиф костагӣ ва духурагиро ба миён намеоранд, баръакс асоси мустаҳкам гардидани мазмуну моҳияти кор мегарданд.

Автореферати диссертатсияи Завқизода Солеҳ Амин таҳқиқоти мукаммал буда, нуктаҳо ва тавсияҳои амалии он холигиро дар илми ҳуқуқшиносӣ пурра мегардонад ва ин дастоварди унвонҷӯ ба шумор меравад. Таҳқиқоти гузаронидаи диссертант дар мавзуи “Интихоб, тайёр намудан ва такмили ихтисоси судяҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: масъалаҳои назариявӣ-амалӣ ва ташкилию ҳуқуқӣ” кори илмии анҷомёфта маҳсуб ёфта, ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.11 – Фаъолияти судӣ; фаъолияти прокурорӣ; фаъолияти ҳимояи ҳуқуқ ва фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ мебошад.

**Тақриздиҳанда:**

номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
прокурори Раёсати назорати иҷрои қонунгузории
нақлиёт ва гумруки Прокуратураи генералии
Ҷумҳурии Тоҷикистон,
мушовири давлатии адлияи дараҷаи 3 Шаҳидуллозода М.

**Имзои М. Шаҳидуллозодаро тасдиқ мекунам:**

и.в. сардори Раёсати кадрҳои Прокуратураи
генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон,
полковники адлия Юсуфзода А.С.

**Суроғаи муқарриз:**
Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734043
ш. Душанбе, кӯчаи А. Сино 126
Тел: (+992) 985630000